**Тақризи**

**муқарризи расмӣ номзади илмҳои филология Маҳкамова Дилором Юнусовна ба диссертатсияи Муродова Рухшона Муродовна «Муносибати сотсиологӣ дар матбуоти даврии муосири тоҷик» барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика**

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз як тараф, дар рушди ВАО заминаҳои ҳуқуқиву иҷтимоӣ ва касбиро таъмин намуд, аз ҷониби дигар, барои вусъат пайдо кардани доманаи пажӯҳишоти ин соҳа шароит ба вуҷуд овард. Агар то замони истиқлолият таҳқиқоти марбут ба ВАО бештар ҷанбаи таърихӣ ва адабиётшиносӣ доштанд, дар тӯли чанд соли охир доир ба парадигмаҳои жанрӣ ва мавзӯиву мундариҷавӣ корҳои зиёди илмӣ низ ба анҷом расонида шуд. Ҳамзамон ба муносибатҳои ахлоқӣ, психологӣ ва сотсиологӣ таҳқиқ намудани воситаҳои ахбори омма таваҷҷуҳ зоҳир гардид.

Ба ин мазмун, кори дисертатсионии Муродова Рухшона Муродовна «Муносибати сотсиологӣ дар матбуоти даврии муосири тоҷик» дар илми журналистикаи ватанӣ аз нигоҳи интихоби мавзӯъ ва усули муносибат ба он пажӯҳиши тамоман нав аст. Зимнан муносибати сотсиологӣ дар ВАО, бавижа дар матбуоти даврии тоҷик собиқаи дерина дорад ва аз замони ташаккули матбуот ин масъала мадди назари муҳаррирону рӯзноманигорони нашрияҳои алоҳида қарор доштааст. Муносибати сотсиологӣ на танҳо барои дастрасии иттилооти гуногун ва рангорангии инъикоси он, балки барои устувор кардани алоқаи нашрияҳои даврӣ бо хонандагон мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, бештари кормандони рӯзномаҳо кӯшиш мекунанд, ки роҳҳои ҷалби аудиторияро дарёбанд. Яке аз чунин роҳҳо муносибати сотсиологӣ аст, ки вижагиҳои хос дорад. Хусусан, дар замони муосир, ки бо шарофати зиёд шудани типҳои гуногуни нашрияҳои даврӣ дар фазои иттилоотии кишвар рақобати касбӣ ба вуҷуд омадааст, истифодаи дурусти усулҳои сотсиологӣ метавонад, ба афзун гардидани доираи хонандагон, баланд шудани эътибори нашрияҳои даврӣ таъсир расонад. Ин ва дигар омилҳо аз мубрамияти таҳқиқи мавзӯи мавриди назар дарак медиҳад.

Диссертант дар навиштани диссертатсия талаботи методиву методологии таълифи кори илмиро риоя намуда, сохтори онро дар шакли муқаддима, 3 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ба низом даровардааст, ки аз нигоҳи мантиқ ва услуб дуруст аст.

Дар муқаддима чун анъана зарурият ва аҳаммияти интихоби мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои пажӯҳиш,

навгонии таҳқиқот, асосҳои назарию методологӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, татбиқи амалии кор ва амсоли ин ба таври мушаххас баррасӣ ва асоснок карда шудааст. Бахшҳои муқаддима фаҳмову мушаххас буда, дар онҳо ҷанбаҳои методологии кор бо низоми муайян шарҳу тавзеҳ ва таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия «Аз таърихи ташаккули муносибати сотсиологӣ дар журналистика» унвон дошта, ду фаслро дар бар мегирад. Дар ин боб масъалаи пайдоиш ва ташаккули донишҳои сотсиологӣ дар журналистика мухтасаран баррасӣ гардида, ҷараёни шаклгирии омӯзишҳои сотсиологӣ дар матбуоти даврӣ нишон дода шудааст.

Дар фасли аввал муаллиф зимни баррасии масъалаҳои назарии сотсиологияи журналистика ба адабиёти илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ такя намуда, омилҳои пайдоиши донишҳои сотсиологӣ дар журналистика ва заминаҳои ташаккули чунин муносибатро дар матбуоти даврӣ марҳила ба марҳила таҳқиқ карда, ҷараёни шакл гирифтани сотсиологияи журналистикаро ҳамчун назарияи махсус нишон медиҳад. Бунёди сотсиологияи журналистикаро ҳамчун шохаи илм функсияи иҷтимоии ВАО, назарияи сотсиологияи умумӣ ва журналистика ташкил медиҳад. Ин назарияҳо дар муносибат ба объекти таҳқиқ, корбасти метод ва методологияи омӯзиш, мақсаду вазифа ва дигар қонунмандиҳо ба ҳам омезиш ёфта, вижагиҳои хос пайдо мекунанд.

Дар назарияи сотсиологияи журналистика ҳарчанд муносибат сотсиологӣ аст, аммо объекти пажӯҳиш журналистика мебошад. Бинобар ин муносибати сотсиологӣ дар воситаҳои ахбори омма бидуни маърифати илмии журналистика самара дода наметавонад.

Дар фасли дуюми ин боб заминаҳои пайдоиши матбуот, ташаккули низоми матбуоти даврӣ, корбасти усулҳои сотсиологии дастрасӣ ба иттилооту маълумот, сатҳу дараҷаи муносибатҳои сотсиологӣ дар нашрияҳои алоҳида, вижагиҳои таҳқиқотҳои сотсиологии матбуоти даврӣ, давраҳои асосии инкишофи омӯзишҳои сотсиологӣ дар матбуот ва амсоли ин таҳқиқу таҳлил шудааст.

Муаллиф ташаккули муносибатҳои сотсиологиро ҳамчун омили маърифати иҷтимоии воқеияту рӯйдод, дастрасии иттилооти ҷолибу рангин, василаи иртибот бо хонандагони рӯзномаву маҷаллаҳо арзёбӣ намуда, ҷараёни ташаккули омӯзишҳои сотсиологиро дар матбуоти даврӣ нишон медиҳад. Аз таҳқиқу таҳлилҳои ӯ бармеояд, ки раванди ташаккули муносибатҳои сотсиологӣ дар матбуоти даврии кишварҳои мухталиф яксон набудааст. Муносибати сотсиологӣ ба воқеияти иҷтимоӣ ва аудиторияи матбуот аз Аврупо шурӯъ шудааст. Дар

Иттиҳоди шӯравӣ, ки Тоҷикистон низ шомили он буд, ба истисноли солҳои 1920-1960, омӯзиши сотсиологии аудиторияи ВАО чандон рушд накардааст. Замони бозсозӣ ва истиқлолият барои вусъат пайдо кардани муносибати сотсиологӣ дар нашрияҳои даврӣ мусоидат кард. Ин раванд дар диссертатсия бо факту далел хеле муфассал таҳлилу арзёбӣ шудааст, ки онро метавон муваффақияти муаллиф ҳисобид.

Боби дуюм «Махсусияти омӯзиши сотсиологӣ дар матбуоти даврии тоҷик» низ ду фаслро дар бар мегирад. Дар фасли аввал масъалаи мактубҳои хонандагон ҳамчун шакли классикии робита бо нашрияҳои даврӣ таҳқиқу таҳлил шудааст. Дар таҷрибаи матбуоти даврӣ мактуби хонандагон аҳаммияти чандҷониба дошт. Аз ҷумла, он ҳамчун сарчашмаи иттилоот, иртибот бо хонанда, алоқа бо ҳаёти мардум, рангоранг ва пурмуҳтаво гардонидани мундариҷаи нашрияҳои даврӣ шинохта мешуд. Аз ин рӯ, дар ҳар як нашрия шуъбаи мактубҳо амал мекард. Диссертант ба мавзӯъ муносибати илмӣ намуда, на танҳо доираи мактубҳои ба идораи нашрияҳои даврӣ воридшударо баррасӣ менамояд, балки ба мактуб ҳамчун ҳуҷҷат муносибат намуда, моҳияти номаҳои хонандагон, ниёзмандии нашрияҳои даврӣ ба чунин номаҳо ва аҳаммияти иртиботии онҳоро бо зикри намунаҳо таҳлил мекунад ва нақши мактубҳои хонандагонро дар пешрафти кори рӯзномаҳо нишон медиҳад. Ӯ бо мисолҳо собит месозад, ки имрӯз низ номаҳо дар нашрияҳои даврӣ зиёданд, аммо шаклашон дигаргун шуда, имконоти дастрасиашон бештар шудааст.

Масъалаи баҳси фасли дигари ин боб имконоти истифодаи усули пурсиш дар нашрияҳои даврии муосир аст. Пурсиш дар рӯзномнигории амалӣ усули нав нест, балки фаъолияти журналистиро бидуни пурсиш тасаввур наметавон кард. Аммо дар матбуоти замони шӯравӣ ин усул чандон серистеъмол набудааст, зеро рӯҳияи ҷомеаи тоталитарӣ ба ин созгор набуд. Бо шарофати истиқлолият ва ташаккули ҷомеаи демократӣ усули пурсиш дар матбуоти даврӣ хеле маъмул гардид. Муаллиф чунин омилҳои пурсишро дар контексти маърифати илмӣ баррасӣ намуда, истифода шудани навъҳои онро дар нашрияҳои даврӣ таносубан таҳлил мекунад. Бино ба таҳқиқи ӯ, ҳарчанд «аксари нашрияҳо аз пурсиш истифода мебаранд, аммо дар нашрияҳои хусусӣ ин усул зиёдтар истифода мешавад. Дар ин нашрияҳо саҳифа ва рубрикаҳои махсус ташкил шуданд, ки мундариҷаашонро иттилооти тавассути пурсиш ҳосилшуда ташкил медиҳад». Чунин рубрикаҳо вобаста ба навъҳои пурсиш вижагиҳои хос пайдо карда, дар таъмини нашрияҳои даврӣ бо муносибату афкори мухталиф мусоидат кардаанд. Мавзӯъ ва масъалаҳои

мавриди пурсиш гуногун бошанд ҳам, аммо ағлаб ифодакунандаи набзи рӯз ва баёнгари сатҳи маърифати иҷтимоии респондентон мебошанд.

Боби сеюми диссертатсия «Шаклҳои нави омӯзиши аудитория дар матбуоти муосир» низ фарогири ду фасл аст. Мавзӯи асосии ин боб таҳқиқ ва муайян намудани усулҳои инноватсионии робита бо аудиторияи ВАО ва ба ин васила омӯхтани майлу рағбати он аст. Ин масъала дар ВАО-и муосир воқеан муҳим ва мубрам аст, зеро дар шароити рақобати бозор нашрияҳои давриро мебояд усулҳоеро ҷӯё шаванд, ки боиси ҷалби хонанда гардад. Бахусус, нашрияҳои мустақил ва хусусӣ, ки имкони обуна надоранд, чунин усулҳоро бештар истифода мекунанд. Ин аст, ки дар фасли аввали ин боб ба нашрияи "СССР" таваҷҷуҳ шудааст.

Муаллиф яқин аст, ки ин нашрия дар муқоиса бо нашрияҳои дигар аз усулҳои сотсиологӣ бештар истифода мекунад. Матолиби рубрикаҳои зиёди ин нашрия амсоли «Редаксия супориш дод», «СССР» ва хонанда», «Ба мо менависанд», «Дар меҳмонхонаи муассис», «СССР» гӯш мекунад» ва «Меҳмонхонаи «СССР» ҳосили муносибати сотсиологианд. Дар диссертатсия ин рубрикаҳо бо назардошти омилҳои таъсис, мақсад, хусусият, муҳтаво ва оҳанг хеле муфассал баррасӣ шудаанд.

Диссертант дар заминаи омӯзиш ва таҳлили ин рубрикаҳо нишон медиҳад, ки нашрияи «СССР» вобаста ба имконоти замонавӣ ва фанновариҳои касбӣ аз усулҳои нави алоқа бо хонандагон истифода намуда, ба ин васила, аз як тараф, мундариҷаашро рангоранг, аз сӯйи дигар, онро ба майли хонандагон наздик гардонидааст.

Масъалаи дигаре, ки дар ин боб таваҷҷуҳ шудааст, воситаҳои ҷолибсозӣ ва муассири иртибот бо ВАО мебошад, ки ба истилоҳ интерактивнокӣ меноманд. Ин масъала дар таҷрибаи воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ нисбатан нав аст ва ба пайдоиши интернет ва вусъати доманаи истифодаи он алоқаманд аст. Бинобар ин, диссертант дар оғоз доир ба моҳияти интерактивнокӣ ва аҳаммияти он дар фаъолияти расонаҳои хабарӣ маълумот дода, сипас, вазъи ворид шудани нашрияҳои даврии Тоҷикистонро ба чунин фазо ва вижагиҳои матолиби онҳо таҳқиқ мекунад. Аз таҳлилҳои диссертант бармеояд, ки интерактивнокӣ ҳамчун воситаи амалигардонии фаъолияти иттилоотӣ барои гирифтани луқмаи фаврӣ аз аудитория мусоидат мекунад. Имрӯз дар фазои интернет аксари расонаҳои хабарии Тоҷикистон сомонаҳои худро доранд. Аммо дар корбурди василаҳои интерактивӣ на ҳамаи онҳо фаъоланд. Ҳамчунин дар муошırати ҳамдигарӣ маърифати муштариён дар сатҳи нисбатан паст қарор дорад. Инро муаллиф дар доираи танги

назарҳо, тарзи навишт ва баёни фикри муштариён, алфози дурушт, баъзан аз одоб берун нисбат медиҳад.

Ҳамин тавр, бобу фаслҳои диссертатсия паҳлуи гуногуни мавзӯи таҳқиқро фаро гирифта, ба ҳамдигар алоқаи мантиқӣ доранд ва дар низоми муайян сурат гирифтаанд. Ҷанбаҳои назариявии сотсиологияи журналистика, ҷараёни ташаккули муносибатҳои сотсиологӣ дар матбуоти даврӣ, шаклу усулҳои маъмули иртибот бо хонанда, усулҳои замонавии омӯзиши аудитория ва ҷалби хонанда, василаҳои инноватсионии алоқаи мутақобила аз масъалаҳое мебошанд, ки якдигарро пурра карда, дар маҷмӯъ тарҳи комили пажӯҳиши илмии мавзӯи мавриди назарро ба вуҷуд овардаанд.

Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсияи мазкур аз ӯҳдаи ҳалли вазифаҳои дар наздаш гузоштаашуда ба хубӣ баромадааст, таҳқиқоти бaанҷомрасонидаи ӯ кофӣ ва басанда аст. Объекти таҳқиқ дуруст интихоб шуда, предмети он илман мушаххас гардидааст. Ҳамаи ин нишон медиҳад, ки сотсиологияи ВАО ҳамчун бахши илми журналистика, масъалаҳои гуногун ва серпаҳлуро фаро гирифта, на танҳо барои ин таҳқиқот, балки барои пажӯҳишҳои оянда низ мавод дода метавонад.

Диссертатсия арзиши баланди илмӣ дорад. Дар он доираи васеи масъалаҳои марбут ба журналистика, сотсиология ва публитсистикашиносӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Асоси назариявии диссертатсия барои пажӯҳиши паҳлуҳои дигари масъалаҳои журналистика замина гузошта метавонад.

Навгонии диссертатсия он аст, ки дар илми журналистикаи тоҷик масъалаи пайдоиши донишҳои сотсиологӣ дар журналистика, ташаккули муносибатҳои сотсиологӣ дар матбуоти даврии тоҷик, мавқеъ ва истифодаи усулҳои сотсиологӣ дар нашрияҳои алоҳида ва амсоли ин бори аввал пажӯҳиши монографӣ шудааст. Диссертант бори аввал масъалаҳои муносибати сотсиологӣ дар фаъолияти журналистикаи амалӣ, шаклҳои нави иртибот бо аудиторияи ВАО-ро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Хулосаи кор аниқу амиқ буда, натиҷаҳои асосии таҳқиқотро бозгӯ мекунад.

Бо вуҷуди ин, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар расид, ки ислоҳи онҳо барои тақвияти минбаъдаи таҳқиқ аз аҳаммият холӣ нест. Аз ҷумла:

1. Хуб аст, ки диссертант дар муқаддима адабиёти марбут ба мавзӯъро, ки аз ҷониби муҳаққиқони русу тоҷик ба нашр расидааст,

муфассал баррасӣ мекунад. Аммо баррасиҳои ӯ то андозае характери умумӣ пайдо кардааст. Агар адабиёти омӯзиширо аз рӯйи хусусият тасниф намуда, баррасӣ мекард, сатҳи илмии он дучанд мегардид;

2. Фасли аввали боби аввали диссертатсия ба масъалаҳои назарии сотсиологияи журналистика бахшида шудааст, ки дуруст ва мантиқӣ мебошад. Аммо дар баррасии масъалаҳои назарии сотсиология ва ташаккули донишҳои сотсиологӣ дар журналистика, асосан, ба осори муҳаққиқони хориҷиву рус такя намудааст. Агар муаллиф дар баррасии ин масъала осори муҳаққиқони ватаниро низ фаро мегирифт, ҳалли масъала таносуб пайдо мекард;

3. Ҳарчанд фасли дуюми боби дуюм «Истифодаи усули пурсиш дар нашрияҳои даврӣ” ном гирифтааст, аммо объекти таҳқиқи диссертантро аслан нашрияҳои хусусӣ ташкил медиҳанд. Агар нашрияҳои расмиро низ интихоб менамуд, сатҳи таҳлилҳои муқоисавии кор боз ҳам пурқувват мешуд;

4. Дар диссертатсия ҷо-ҷо музокираҳои публитсистӣ афзалият пайдо кардааст. Муаллиф муносибати сотсиологиро дар нашрияҳои алоҳида таҳлил намуда, баъзан ҳамчун журналист масъалагузорӣ мекунад.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, арзиши илмии рисолаи Р. Муродоваро, ки ба проблемаи мубрами журналистикаи муосир бахшида шудааст, паст намекунанд. Диссертатсияи ӯ таҳқиқоти мустақил ва бaанҷомрасида аст. Фишурда ва мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф, ки 4-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА ФР ва КОА ҶТ чоп шудаанд, асоси мундариҷаи рисоларо инъикос мекунанд.

Автореферати диссертатсия мундариҷаи асосии рисоларо фаро гирифта, аз нигоҳи сохт, мундариҷа ва мазмун ба талаботи кори илмӣ пурра мувофиқ аст.

Хулоса, диссертатсияи мавриди тақриз, ки ба омӯзиш ва таҳқиқу баррасии муносибатҳои сотсиологӣ дар матбуоти даврии тоҷик бахшида шудааст, дар илми журналистикаи тоҷик таҷрибаи аввалин буда, аҳаммияти махсуси илмиву назариявӣ дорад.

Дар заминаи таҳлилҳои боло метавон гуфт, ки кори диссертатсионии Муродова Рухшона Муродовна **«Муносибати сотсиологӣ дар матбуоти даврии муосири тоҷик»** бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии худ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавогӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи

илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Мудири кафедраи рӯзноманигории
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав, номзади илмҳои
филология, дотсент Маҳкамова Д. Ю.

**Нишонии муассиса:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (+992) 83222 2 22 53
e-mail: ktsu78@mail.ru

**Нишонии саҳифаи расмӣ:**
e-mail: www.dilorom@mail.ru
Тел.:(+992) 918 25 95 42

Имзои н.и.ф., дотсент
Маҳкамова Дилором Юнусовнаро
тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав Амиршоев А.А.

29.08.2019